# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба таҳқиқоти диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи нав дар хусуси таҳқиқ ва омӯзиши масоили мухталифи таърихи беш аз ҳазорсолаи халқи тоҷик ба амал омад, ки боиси рушд ёфтани илми таърих гардид. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ имконияти васеъ, инчунин дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи бойгонӣ сабаби он гардид, ки аз назари нав омӯзиши таърих ба роҳ монда шуда, тавассути метод ва усулҳои нави таҳқиқотӣ ба бархе аз саҳифаҳои ноаёни халқи тоҷик равшанӣ гузошта шуд.

Дар ин самт аз мавзуи мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ бояд қайд намуд, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ноҳияи Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI равона шудааст, ки мубрам буда, омӯзиши он саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи таърихи ноҳияи Қубодиён дар се давраи таърихӣ: пешазинқилобӣ, Шуравӣ ва замони Истиқлол мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Диссертант дар такя ба сарчашмаҳои бойгонӣ, оморҳои расмӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ кӯшиш намудааст, ки равандҳои дохилии тағйирёбиҳои авзои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро дар таъсисри идеологияи ҳизбии шуравӣ ва татбиқи барномаҳои ҳадафманди стратегияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хулосаҳои асоснок инъикос намояд: сохтори маъмурии бекигарии Қубодиён таҳқиқ гардид; маротибаи аввал дар таърихнигории ватанӣ ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар се марҳалаи таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд; вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии бекигарии Қубодиён ба таҳқиқи илмӣ кашида шуд; аз нигоҳи илмӣ ҳаёти хоҷагии кишоварзӣ ва чорводории

ноҳия дар замони Шуравӣ, нақши он баҳри беҳтар намудани вазъияти иқтисодиву иҷтимоии хоҷагии халқи минтақа мавриди таҳлил қарор гирифт; ҳунармандӣ ва касбу кори ноҳияи Қубодиён таҳқиқ гардид; шакл ва сатҳи низоми андози минтақа мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст; омилҳои барқароршавии ҳокимияти шуравӣ дар ноҳияи Қубодиён муайян гардидааст; авзои фарҳангии ноҳия дар давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ ба пажуҳиш кашида шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардидаи муҳаққиқ дар он ба назар мерасад, ки дар раванди тадқиқот ба таври маҷмуӣ сарчашмаҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаву стратегияҳо, маълумоти оморӣ, адабиёти илмӣ, матбуоти даврии солҳои гуногун такя кардааст.

Диссертант ба ғайр аз ҷамъоварии маводи фаровон, инчунин тибқи усули таҳлили муқоисавӣ аз рӯи принсипи методологии таърихият масъаларо баррасӣ намуда, онро ба шароити замон ва алоқамандии пайдарҳамии он дар се марҳалаи таърихӣ: тоинқилобӣ, давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ муайян намудааст.

Чунин натиҷа имкон медиҳад, ки рисола дорои арзиши илмӣ ва амалӣ буда, заминаи таҳлилии минбаъдаи он барои баррасии таҷрибаи рушди минтақаҳо ва татбиқи барномаҳои давлатӣ истифода шавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар рисола масъалаи таърихи таъсис ва рушди ноҳияи Қубодиён ҳамчун воҳиди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ таҳқиқ гардида, муқаррарот ва хулосаҳои асосии диссертатсияро ҳангоми таҳияи асарҳо оид ба таърихи халқи тоҷик, дастурҳои методӣ ва таълимӣ, курсҳои махсус доир ба таърихи минтақаҳои Тоҷикистон истифода намудан имконпазир аст. Ҳамзамон, таҷрибаи таърихии ҳаёти ҳамарӯзаи ноҳияи Қубодиён дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ метавонанд дар шароити муосир дар тарбияи ватандӯстии наслҳои наврас ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии давлатдории тоҷикон истифода гардад. Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таърихи муосири Тоҷикистон саҳми назаррас дошта, барои такмил додани назарияи давлатсозӣ ва идоракунии минтақавӣ, махсусан дар таҳқиқи сиёсати иҷтимоии давраи истиқлол, арзиши баланди илмӣ дорад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 199 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, чор боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳрасти манобеъ ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, мавзуъ (предмет) ва объекти таҳқиқ, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, ҷуғрофияи таҳқиқ, асоси назариявӣ – методологӣ, пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, нишон дода шудааст.

Боби якум **"Бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри ХХ"** аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якум **"Шарҳи мухтасари таърихӣ-ҷуғрофии бекигарии Қубодиён"** ном дорад. Дар ин зербоб муаллиф менависад, ки нахустин маҳалҳои аҳолинишин дар ҳудуди Қубодиён қариб 2,5 ҳазор сол қабл пайдо шудаанд ва борҳо ба ҳуҷуми аҷнабиён-юнониҳо, туркҳо, арабҳо, муғулҳо ва дигар истилогарон дучор шудааст. Аз рӯи хулосаи диссертант, гарчанде дар давраи қадим ва асрҳои миёна Қубодиён мунтазам дар зери сиёсати фармонфармоӣ қарор дошта бошад ҳам, аммо ба тамоми мушкилот нигоҳ накарда, сокинони маҳаллӣ ҳамеша дар мубориза буда, урфу одат, касбу ҳунар, забон ва анъанаҳои миллии хешро аз даст надоданд. Инчунин, бекигарии Қубодиён дар зери итоати амири Бухоро қарор дошта, ба халқи мазлум фишор ва андозҳои зиёд ҷорӣ мегардид, ки натиҷаи он боиси тарк намудани минтақа мегардид.

Дар зербоби дуюм **"Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри ХХ"** муаллиф раванди ба тобеияти Россияи подшоҳӣ гузаштани аморати Бухоро, тиҷорат ва андоз дар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Қубодиёнро таҳқиқ менамояд.

Диссертант инчунин, оид ба рушду касбу ҳунар, бахусус оҳангарӣ, рехтагарӣ, бофандагӣ ва заргарӣ дар бекигарии Қубодиён таҳқиқот бурда, қайд менамояд, ки дар минтақаи Ябуз растаи коргоҳҳои бофандагӣ ороста буданд, ки машғулияти асосии онҳо алочабофӣ буда, аммо бо сабабҳои паст будани сатҳи техникии дастгоҳҳои бофандагӣ маҳсулоти зиёд истеҳсол намегардид.

Дар такя ба сарчашмаҳо, диссертант қайд менамояд, ки бекигарии Қубодиён аз ҷиҳати маданият яке аз қисматҳои ақибмондатарини аморати Бухоро маҳсуб ёфта, мактабҳои динӣ амал мекарданд.

Боби дуюм – **"Барпошавии ҳокимияти шуравӣ, дигаргунсозиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 20-40 уми асри ХХ"** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум **"Ташкилёбии сохтори идории Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар Қубодиён"** қайд карда мешавад, ки диссертант иброз медорад, ки солҳои 20-уми асри ХХ дар Тоҷикистон ва махсусан, ноҳияи Қубодиён дигаргунсозиҳои

муҳимми сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тавассути нақшаи сохтмони сотсиалистӣ ба амал омада, зина ба зина дар амал татбиқ мегардид. Солҳои 30-юм дар Тоҷикистон, инчунин ноҳияи Қубодиён, чорабиниҳои муҳимми сохтмони саноату нақлиёт ба нақша гирифта шуда, диққати асосӣ барои сохтмони саноати сабук дода мешуд.

Дар солҳои аввали сохтмони фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ, дар илму маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиён як қатор пешравиҳо, аз қабили сохтмони аввалин бинои шуъбаи маориф, сохтмони аввалин мактабҳо, маҳви бесаводӣ, тадриҷан саводнок шудани аҳолӣ ба амал омаданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - **“Қубодиён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунинн баъдиҷангӣ”** қайд шудааст, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ монанди дигар манотиқи ҷумҳурӣ ба ноҳияи Қубодиён бетаъсир намонд, ки дар лаҳзаҳои аввали ҷанг бошандагони ноҳия дар қатори миллионҳо шаҳрвандони Шуравӣ беш аз 2700 нафар фарзандони хешро барои ҳимояи Ватан ба ҷанг сафарбар намуданд. Дар натиҷаи сафарбарнамоӣ аз Қубодиён низ мардони зиёди қобили меҳнат ба фронт фиристода шуданд ва ҷойи онҳо дар истеҳсолот холӣ монда, мушкилии кори ақибгоҳ ба дӯши занҳо, пиронсолон ва наврасон афтид. Диссертант аз раванди коҳиши истеҳсолот ва норасогии кадрӣ қайд намуда, аз мушкилоти ҳаёти маданӣ, аз қабили баста шудани мактабҳо, норасоии омӯзгорон, аз кор мондани муассисаҳои маданӣ – маърифатӣ ёдовар мешавад, ки танҳо баъди Ғалаба бар фашизм ва дар солҳои барқароркунии баъдиҷангӣ камбудӣ ва мушкилоти хоҷагии халқи ноҳия зина ба зина бартараф мегардад.

Боби сеюми **диссертатсия “Ноҳияи Қубодиён дар нимаи дуюми асри XX”** аз ду зербоб иборат мебошад. **Зербоби якум “Рушди соҳаҳои агросаноатии ноҳияи Қубодиён**” инъикосгари равандҳоест, ки барои бунёд ва пешравии шаклҳои гуногуни саноат шароитҳои зарурӣ муҳайё гардид, ки ноҳияи Қубодиён низ аз ин раванд истисно набуд. Бо чунин имкониятҳои мусоид дар солҳои 50-80-уми асри XX дар натиҷаи меҳнати пурсамари синфи коргар дар Тоҷикистон саноати бисёрсоҳа ташаккул ёфт.

Диссертант тавонистааст, ки саҳми ноҳияи Қубодиёнро дар истеҳсоли соҳаи кишоварзӣ, ки дар ҷумҳурӣ мақоми асосиро ишғол мекард ва барои инкишофи соҳаи саноат мавқеи ҷойгиршавиаш мусоид буд, инъикос намояд. Инчунин, Қубодиён ноҳияи аграрӣ буда, дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ соҳаи чорводорӣ низ ривоҷу равнақ меёфт, зеро иқлими ноҳия барои рушд додани чорводорӣ мусоид мебошад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм -**“ Ҳаёти иҷтимоӣ – фарҳангии ноҳия”** муаллиф таъкид менамояд, ки солҳои 50-уми асри XX ҳокимияти Шуравӣ барои беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии мардум баъзе чораҳои зарурӣ

андешида, симои шаҳру деҳот торафт тағйир ёфта, аз рӯйи нақшаи генералӣ биноҳо, мактабҳо, қасри фарҳанг, беморхонаҳо, биноҳои маъмурӣ, мағозаҳо, хонаҳои истиқоматӣ қомат рост карданд, ки чунин тағйиротҳо дар ноҳияи Қубодиён низ ба амал омаданд.

Диссертант дар баланд бардоштани некуаҳволии моддии мардум нақши колхозҳоро назаррас арзёбӣ карда, қайд менамояд, ки дар натиҷаи баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат дар баробари сохтмони биноҳои маданӣ-маишӣ барои ободонии хонаҳои колхозчиён низ маблағи зиёд ҷудо мекунанд. Диссертант бо далелҳои мушаххас собит менамояд, ки аз буҷети ҷумҳурӣ ба ноҳияи Қубодиён маблағи зиёд ҷудо мегардид.

Маорифи ноҳияи Қубодиён тараққӣ карда, шумораи мактабҳои миёна ва миқдори хонандагони онҳо меафзуд. Теъдоди муассисаҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ, ба монанди клубҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо, нуқтаҳои кинонамоишдиҳӣ ва ғайраҳо сол аз сол зиёд мегардиданд ва дар тамоми нуқтаи аҳолинишин фаъолият менамуданд.

Боби чоруми **диссертатсия "Ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолӣ"** номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал "**Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия дар шароити душвори ҳарбӣ – сиёсии охири асри XX – ибтидои асри XXI"** оид ба пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъияти сиёсӣ, идомаи ҷанги шаҳрвандӣ ва ба майдони муборизаҳои пуршиддати ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал гардидани қисмати Хатлонзамин, бахусус ноҳияи Қубодиён, мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Диссертант мушкилоти авзои сиёсиро дар зиёд гардидани фирориёни навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, ки дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қарор доштанд, мебинад ва ҳалли ботадриҷи онро дар барномаи «Хоки Ватан», ки онро дар радиои «Тоҷикистон» 29-уми марти соли 1993, махсус барои гурезагони дар хоки Афғонистон қарордошта таъсис дода буданд, инъикос менамояд.

Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки аз ибтидои қарни XXI дар ноҳияи Қубодиён марҳалаи азнавсозии хоҷагии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия сурат гирифт. Барои беҳтар намудани рушди соҳаи саноати ноҳия, нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ ва таъмин намудани чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2011-2015 корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд.

Дар зербоби дуюми боби чорум -"**Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар шароити нави иқтисоди бозорӣ"** диссертант бо такя ба сарчашмаҳои муътамади бойгонӣ, омор ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ роҷеъ ба соҳаи кишоварзии ноҳияи Қубодиён, ҳамчун соҳаи муҳимтарини

истеҳсолот қайд менамояд, барои меҳнаткашони ноҳия санҷишу маҳорат буд. Деққонони колхозҳои ноҳия ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, нақшаҳои истеҳсолу фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқро пурраю барзиёд иҷро менамуданд.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар ноҳияи Қубодиён бо хатогиҳо, камбудӣ ва душвориҳо амалӣ гашт, зеро хоҷагиҳои навтаъсис, ки ба ҷои колхозу совхозҳо ташкил шуда буданд, пойгоҳи моддиву техникӣ надоштанд. Таҷдиди корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити душвори ҳарбӣ – сиёсии солҳои 90-уми асри XX оғоз гардида, то соли 2010 давом кард. Аммо ба вазъи умумии ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, меҳнаткашони ноҳия дар соҳаи аграрӣ барои таъмини аҳолӣ бо озуқа саҳми калон гузошта, саноати сабук, хӯрокворӣ низ тадриҷан рушд кард. Чунин таҳлил ба рисола арзиши татбиқии баланд медиҳад ва ноҳияи Қубодиёнро ҳамчун мисоли минтақавии рушди иқтисоди пасошуравӣ муаррифӣ мекунад.

Дар зербоби сеюми боби чорум- “**Муассисаҳои маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиён дар ибтидои асри XXI”** диссертант ба таври илмӣ нишон медиҳад, ки ноҳияи Қубодиён дар давраи соҳибистиқлолӣ на танҳо дар самти иқтисодӣ ва саноатӣ пешрафт кардааст, балки ба як маркази муҳимми фарҳангӣ ва маърифатии минтақа табдил ёфтааст. Муаллиф дар такя ба ҳуҷҷатҳои расмӣ, барномаҳои давлатӣ ва оморҳо оид ба рушди маориф ва фарҳанг, таъсиси муассисаҳои нави таълимиву фарҳангӣ, баландшавии сатҳу сифати таълим, нақши марказҳои ҳунарҳои мардумӣ ва фарҳангӣ, равшан месозад, ки сатҳи мактабу маориф ва фарҳанг дар минтақа рушд ёфта истодааст. Баҳри эҳё сохтани анъанаҳои миллию аҷдодӣ, баланд бардоштани маданияту фарҳанг, тарбияи фарҳангии мардум кормандони шуъбаи фарҳанги ноҳия ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаи пажуҳиш аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ оварда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Зубайдуллозода С.Х. мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи батабърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва хулосаҳои муҳаққиқонаи илмӣ кори диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло аз баъзе камбудиҳо низ орӣ набуда, аз назари мо, ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ аз манфиат холӣ нест:

1.Дар боби аввали диссертатсия дар баъзе саҳифаҳо ба таърихи қадим ва асримиёнагии ноҳияи Қубодиён таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, аммо доираи хронологӣ асри XX – ибтидои асри XXI – ро дар мегирад.

2. Дар зербоби аввали боби дуюм, ки раванди барқароршавии ҳоқимияти шуравиро дар бар мегирад, ба ҳаракати босмачигарӣ дар ноҳияи Қубодиён диққат дода, саҳми артиши ҳукумати шуравиро пурра мавриди таҳлили илмӣ қарор надодааст.

3. Ҳангоми истифодаи маводи бойгонӣ, омор, ва матбуоти даврӣ муҳаққиқ усули муқоисавии таҳлили сарчашмаҳоро камтар мавриди истифода қарор додааст.

4. Дар диссертатсия дар баъзе мавридҳо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебаранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи шиносномаи ихтисоси илмии 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи **«Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои таърих, декани
факултети дипломатия ва сиёсати
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҳмадзода У.Д.

Имзои Маҳмадзода У.Д. - ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси АИДНПҶТ Насрудинзода А.Н.

Суроға: 734003, шаҳри Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носиров, 33.
Телефон: **907-42-95-24 E-mail:ubaidullo.88@mail.ru**

«_17_» «_12_» соли 2025